Рӯзи 17 апрели соли 2024 нахустин пардохти купонҳо ба дорандагони коғазҳои қиматноки давлатии дусола (ККД), ки 17 январи соли равон дар ҶСК «Биржаи фондии Осиёи Марказӣ» бо шартҳои бозорӣ ҷойгир карда шудаанд, анҷом дода шуд. Қобили қайд аст, ки даромадҳо аз хариду фурӯши ККД андозбандӣ намешаванд.

Хотиррасон менамоем, ки тибқи «Қоидаҳои барориш ва ҷойгиркунии коғазҳои қиматноки давлатӣ», ки дар санаи 02 марти соли 2023 аз ҷониби Ҳукумати кишвар тасдиқ шудааст, аз моҳи январи соли 2024 Вазорати молияи ҶТ ба таври мунтазам музоядаҳо оид ба ККД-и кутоҳмуддат ва дарозмуддат баргузор менамояд. Дар ояндаи наздик истифодаи ККД дар амалиётҳои РЕПО имконпазир хоҳад шуд ва имкони зуд гирифтани қарзи кутоҳмуддат ва инчунин, гирифтани қарзҳои бонкӣ тавассути истифодаи ККД ҳамчун гарави таъминотӣ фароҳам меояд.

Шахсоне, ки мехоҳанд дар савдои ККД иштирок намоянд, метавонанд бо таквими барориши ККД дар сомонаҳои Вазорат ва Биржа дар пайванди http://moliya.tj/Admin/Documents/GetFile/783 шинос шаванд.

Ҳар як хоҳишманд, аз ҷумла сармоягузори хориҷӣ, метавонад ККД-ро тавассути иштироккунандагони музоядаҳои ККД харад. Ин метавонад, бо интихоби мизоҷ, ширкати брокерӣ ё бонке бошад, ки бо он шартнома дар бораи хариди ККД баста мешавад

Барои маълумоти муфассал ба рақами +9922273493 занг занед ё ба суроғаи info@case.com.tj нависед.